**САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН**

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Х.Назаров, 80/А
Тел: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From the People of Japan

**EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN**

80/A, Kh. Nazarov Str., Dushanbe, Tajikistan
Tel: 992 (372) 27 54 36/46;
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

# Ба итмом расидани лоиҳаи сохтмони мактаби ибтидоӣ дар деҳаи Таги Чинори, ҷамоати Гули Сурх, шаҳри Истаравшан дар доираи кумаки расмии рушди Ҷопон

**Душанбе, ТОҶИКИСТОН**

17 ноябри соли 2024 **ҷ-би Тошихиро АИКИ,** Сафири Фавкулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамроҳии **ҷ-би Адҳам МАЪМУРЗОДА**, раиси шаҳри Истаравшан ва **ҷ-би Абдулҳафиз АШУРЗОДА**, раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маросими анҷоми **"Лоиҳаи сохтмони мактаби ибтидоӣ дар деҳаи Таги Чинори ҷамоати Гули Сурх, шаҳри Истаравшан"** иштирок карданд. Дар ин маросим ҳамчунин намояндагони мақомоти иҷроияи давлатӣ ва сокинони деҳа ширкат варзиданд.

Барои татбиқи лоиҳа, дар доираи барномаи Ҳукумати Ҷопон "Кӯмакҳои бебозгашт ва амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ" (GGP) бо маблағи $89,866 доллари ИМА грант ҷудо карда шуд. То анҷоми ин лоиҳа дар деҳаи Гули Сурх муассисаҳои таълимӣ вуҷуд надоштанд, ва кӯдакони синни мактабӣ маҷбур буданд барои таҳсил панҷ километр роҳро пиёда ба деҳаҳои ҳамсоя тай кунанд. Бо вуҷуди ин, мактабҳои ҳамсоя аллакай аз сабаби афзоиши шумораи хонандагон аз минтақаҳои гуногун бо мушкили қабул рӯбарӯ буданд. Дар робита ба афзоиши босуръати аҳолии ҷамоати Гули Сурх, бахусус дар деҳаи Таги Чинор, зарурати сохтани муассисаҳои маҳаллии таълимӣ ба вуҷуд омад. Набудани мактаб дар деҳаи худ махсусан дар фасли зимистон, бинобар шароити сахти обу ҳаво ва боришоти мавсимӣ, таҳсили кӯдаконро душвор мегардонид.

Дар доираи лоиҳа бинои нави замонавии дуошёнаи таълимӣ сохта шуд. Он аз ҳашт синфхона, утоқҳои алоҳида барои кӯдакони томактабӣ, директори мактаб ва омӯзгорон, инчунин китобхона, утоқи бисёрмақсад, анбор ва ҳаммомҳо иборат аст. Ин лоиҳа муҳити ҳамаҷонибаи таълимиро барои кӯдакони маҳаллӣ фароҳам меорад ва ба онҳо имконияти таҳсили босифатро дар деҳаи худ медиҳад.

Дар маросим Сафири Фавкулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **ҷ-би Тошихиро АИКИ** раис ва сокинони деҳаро бо анҷоми бомуваффақияти лоиҳа табрик гуфта, қайд кард, ки Ҷопон дар тӯли беш аз 30 соли ба даст овардани истиқлолияти Тоҷикистон ба халқи тоҷик ҳамчун як дӯсти хуб дар соҳаҳои гуногун кумак кардааст ва маориф яке аз бахшҳои муҳими ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷопону Тоҷикистон мебошад.

Раиси шаҳри Истаравшан Адҳам МАЪМУРЗОДА ва сокинони деҳа барои кумакҳои расонидашуда ба ҳукумат ва мардуми Ҷопон изҳори сипос намуданд.

Ҳукумати Ҷопон ният дорад дастгирии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро идома диҳад.

*Кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ “GGP” тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд мебошад. Кӯмакҳои бебозгашти лоиҳаҳои амнияти башарӣ барои бахши аъзами аҳолӣ ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ расонида мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, кӯмакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ ва амнияти башарӣ* ***462*** *лоиҳаро ба маблағи умумии* ***$38,3*** *миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ намудааст, аз ҷумла 149 лоиҳа дар соҳаи маори.*

*Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед:* https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html





